«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи давлатии, омӯзгории Тоҷикистон ба номи, Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И.** ________________________
**«___» ______________ соли 2026**

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсияи номзадии Рисолати Раҷабалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар кафедараи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии, омӯзгории Тоҷикистон ба номи, Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Рисолати Раҷабалӣ унвонҷӯи кафедараи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии, омӯзгории Тоҷикистон ба номи, Садриддин Айнӣ ба шумор мерафт.

Рисолати Раҷабалӣ соли 2009 ба факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба ихтисоси таърих ва ҳуқуқ дохил шуда, онро соли 2013 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии, омӯзгории Тоҷикистон ба номи, Садриддин Айнӣ аз 01 январи соли 2022, №32 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ қабул шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аз 03 январи соли 2023 №5/9 (а) тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Салоҳиддинова С.М. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсонӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2026, №4 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар ҷаласаи кафедараи ҳуқуқи ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз 14 - уми феврали соли 2026 таҳти №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ» чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар кафедраи ҳуқуқ омода шудааст.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ: «Масоили омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии инкишофи давлат ва ҳуқуқ барои солҳои 2025-2030» алоқаманд мебошад.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. **Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳамияти назариявии ин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар рушди минбаъда ва амиқ гардонидани тасаввуроти илмӣ оид ба ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба таъминоти иҷтимоӣ ифода меёбад, ки яке аз унсурҳои муҳимтарини низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Ин таҳқиқот ба рушди илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ саҳм мегузорад, зеро мазмун ва табиати ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро дақиқ менамояд, ҷойгоҳ ва нақши онро дар механизми татбиқи вазифаи иҷтимоии давлат муайян мекунад, инчунин робитаи байни ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, институти давлати иҷтимоӣ ва низоми сиёсати иҷтимоии давлатро боз менамояд.

5. **Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи конститутсионии инсон

ва шаҳрванд ба таъминоти ичтимоӣ дар ҶТ» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи конститутсионӣ аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқи мазкур, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад, ки ба баррасии ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти ичтимоӣ дар ҶТ бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд. Масалан:

1. Таҳлили қонунгузории амалкунандаи иҷтимоӣ ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки дар раванди танзими ҳуқуқии масъалаҳои ҳимояи маъмурии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ихтилофҳо ва нофаҳмиҳо ҷой доранд, ки метавонанд ба раванди татбиқи ҳуқуқ таъсири манфӣ расонанд. Дар ин робита, мувофиқи зарурат, пешниҳод мегардад, ки ба қонунҳои зерин тағйирот ворид карда шаванд: Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи нафақавии ҳатмии касбӣ» – ва ба онҳо моддаи зерин илова карда шавад:

«Шикоят аз қарори мақомоти ваколатдор

Шикоят аз қарори мақомоти ваколатдор метавонад ба мақомоти давлатии ваколатдор ё ба суд мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ пешниҳод гардад».

Ворид намудани чунин муқаррарот имкон медиҳад, ки стандарти ягонаи танзими ҳуқуқии масъалаҳои ҳимояи маъмурии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ таъмин гардад, ки он аз мазмуни Конститутсияи кишвар ва Қонуни ҶТ «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» бармеояд.

2. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии роҳҳали ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва васеъ намудани доираи фаъолияти падидаҳои назорати ҷамъиятӣ, мувофиқ аст, ки ба қонунгузории амалкунандаи ҶТ тағйирот ворид карда шаванд. Ин тағйирот бояд васеъшавии салоҳияти иттифоқҳои касаба ва дигар мақомотҳои намояндагии кормандонро дар бар гирад, то онҳо на танҳо дар соҳаи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, балки дар дигар намудҳои суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ, аз ҷумла суғуртаи тиббӣ, суғурта барои ҳолатҳои қобилияти муваққатан гумшуда ва дар робита бо модаршавӣ низ назоратро амалӣ

намоянд.

Муайян намудани чунин ваколатҳо имкон медиҳад, ки муносибатҳои ягона дар назорат аз қонуният ва асоснокии расонидани кафолатҳои иҷтимоӣ таъмин гарданд, шаффофияти расмиёти тақсими маблағҳои суғуртавӣ боло бурда шавад ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоии муҳим тақвият ёбад. Барои амалисозии ин тадбир зарур аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ уҳдадории ҳатмии таъсиси комиссияҳо (ё интихоби шахсони ваколатдор) оид ба риояи меъёрҳои суғуртаи иҷтимоии ҳатмӣ дар ҳамаи корхонаҳо пешбинӣ гардад, инчунин тартиби ҳамкории ин комиссияҳо бо мақомоти давлатӣ оид ба назорат ва тафтишот муқаррар карда шавад.

Диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти ичтимоӣ дар ҶТ», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 6 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2, 93 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои такризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Рисолати, Р. Принципы социальной политики государства [Текст] / Р. Рисолат // Вестник филиала Московкого государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе. – 2025. – Том 2. – № 1 (46) – С. 220-226; ISSN 2709-6246.

**[2-М].** Рисолати, Р. Некоторые аспекты соотношения понятий «социальное обоспечение» и «социальная защита» [Текст] / Р. Рисолат // Вестник филиала Московкого государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе. – 2025. – Том 2. – № 2 (48) – С. 279-292; ISSN 2709-6246.

**[3-М].** Рисолати, Р. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Р. Рисолати // Қонунгузорӣ. – 2025. – №. 4 (60). – С. 251-260; ISSN: 2410-2903

**[4-М].** Рисолати, Р. Танзими ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар санадҳои байналмилалӣ [Матн] / Р. Рисолати // Пайёми донишгоҳи омузгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2025. – № 4 (20) – С.151-160. ISSN: 2710-4672.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5-М].** Рисолати, Р. Сущность Республики Таджикистан как социального государства [Текст] / Рисолати Р // Материалы республиканской научно-практической конференции «Конститутция – как фактор стабильности государства». – Душанбе, 2022. – С. 293-299.

**[6-М].** Рисолати, Р. Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ. [Матн] / Р.Рисолат // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Нақши Конститутсия дар амалишавии ҳадафҳои стратегии давлат». – Душанбе, 2022. – С. 36-42.

**[7-М].** Рисолати, Р. Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии инсон [Матн] / С.М. Салоҳидинова, Р. Рисолат // Вестник филиала Московкого государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе. – 2024. – Том 2. – № 2 (40) – С. 113-125. ISSN 2709-6246.

**[8-М].** Рисолати, Р. Конститутционные основы и механизмы реализации социальной политики в Республике Таджикистан [Текст] / С.М. Салохидинова Р. Рисолат // Материалы международной научно-практической конференции XV Ломоносовские чтения «Кооперация науки и национально – ориентированных стратегий: цифровая модернизация и инновационное развитие». Часть II. Гуманитарные науки. Душанбе, 2025. – С. 455-462

**[9-М].** Рисолати, Р. Юридические гарантии реализации конституционного права на социальное обеспечение [Текст] / С.М. Салохидинова Р. Рисолат // Конститутсия ва рушди маърифати ҳуқуқӣ дар даврони истиқлоли давлатӣ. – Душанбе: ДМТ, 2025. – С.305 -321.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ;

танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ кори тақиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ қабул гардид.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 14 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 14 феврали соли 2026, №7.

**Раиси ҷаласа,**
**и.в. мудири ҳуқуқи ДДОТ ба**
**номи С. Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ,**
**дотсент** **Давлатзода Ф.Ш.**

**Котиби ҷаласа,**
**номзади илмҳои ҳуқуқ** **Мирзозода Ш.Ҷ.**

**Имзоҳои Давлатзода Ф.Ш. ва Мирзозода Ш.Ҷ.-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи С. Айнӣ** **Қодирзода С.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**“14” феврали 2026**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Телефон: (+992) 2241383
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj